## ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи номзадии Шарифзода Лутфулло Абдулло дар мавзуи «Арзишҳои илмӣ ва адабии номаҳои Садриддин Айнӣ ва Мирзо Турсунзода» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ. – Душанбе, 2022, 200 саҳифаи чопи компютерӣ.**

Дар корнома, фаъолияти иҷтимоӣ, илмӣ, адабӣ ва фарҳангии бунёдгузори адабиёт ва тамаддуни навини тоҷик устод Садриддин Айнӣ нома ва номанигорӣ мавқеи марказӣ ва густардае дошта, фарогири мавзуъ, масъала ва муаммоҳои умдатарине мебошанд, ки дар ҳаёти иҷтимоӣ, сиёсӣ, адабӣ ва мадании миллати тоҷик дар нимаи аввали садаи XX – замони дигаргуниҳои азим ва тағйироту таҳаввулоти куллии дар ҳаёти тоҷикон ба вуқуъ омада аҳаммияти бузург ва нақши калидӣ бозидаанд. Назар ба эътироф ва таъкидоти худи С. Айнӣ фаъолияти номанигории ӯ аз овони таҳсил дар мадраса оғоз гардида, то вопасин рӯзҳои ҳаёти адиб – муддати беш аз 50 сол идома ёфтааст. Номаҳои устод Айнӣ ба се забон – тоҷикӣ, ӯзбакӣ ва русӣ иншо гардида, теъдоди онҳо ба чандин ҳазор мерасад, ки мутаассифона, то кунун пурра гирдоварӣ нашудаанд. Муҳтавои номаҳои адиб гувоҳӣ аз он медиҳанд, ки ӯ бо тақозои замон ва ифодаи матлаб бо ҳама қишрҳои ҷомеа ва намояндагони касбу кори гуногун – аҳли илму адаб, ходимони давлатию сиёсӣ, мақомоти ҳарбию ҳифзи ҳуқуқ, оммаи меҳнаткашон ва зиёиёну толибилмон дар робитаи доимӣ қарор доштааст, ки қисме аз нигошта – мукотиботи суханвар дар таълифоти адабӣ, илмӣ, публитсистӣ ва таърихии ин донишманди бузург ба таври барҷаста бозтоб гардидааст. Дар ин бобат далели бағоят аҷибу шавқангез ин аст, ки С. Айнӣ маҳз ба тавассути нома ба насрнависӣ шуғл варзида, гонорар – ҳаққи қалами аввалини гаронарзишро аз номаи ҷавобии ҳайратангез иншокардааш гирифта, сазовори баҳои баланд ва истеҳсони адиб ва донишманди маъруф Шарифҷон-махдуми Садри Зиё гардидааст.

Устод Айнӣ идомадиҳандаи суннати қадимаву ғании номанигорӣ буда, дар давраи нави таърихӣ ба он ҳам аз нигоҳи мавзуву муҳтаво ва ҳам аз лиҳози шакли адабӣ як қатор навовариҳои қобили таваҷҷуҳ ворид кардааст, ки мукотиботи ӯ бо устод Лоҳутӣ, Р. Ҳошим, С. Улуғзода, Пайрав Сулаймонӣ, Ҷ. Икромӣ, М. Миршакар, Р. Ҷалил, М. Турсунзода, А. Деҳотӣ, Ф. Ниёзӣ, П. Толис, Алӣ Асғари Ҳикмат ва дигарон ба ин иддао равшан шаҳодат медиҳанд.

Мукотибаи устод Айнӣ бо шогирди боистеъдоду содиқаш Мирзо Турсунзода аз ҳар ҷиҳат бағоят мароқангез мебошад, ки мавриди пажуҳиши алоҳидаи диссертант Шарифзода Л. А. таҳти унвони «Арзишҳои илмӣ ва адабии номаҳои Садриддин Айнӣ ва Мирзо Турсунзода» қарор гирифтааст. Рисолаи мазкур аз чор боб ва ҳар боб вобаста ба ашё ва маводи таҳқиқшаванда аз зерфаслҳои бо ҳам алоқаманд ва якдигарро такмилдиҳанда иборат мебошад. Дар маркази тадқиқи рисола таваҷҷуҳи асосии муҳаққиқ ба аҳаммияти илмӣ, адабӣ ва фарҳангии номаҳои С. Айнӣ ва М. Турсунзода равона гашта, мавзуъ ва масъалаҳои равобити дӯстӣ ва эҷодии С. Айнӣ ва М. Турсунзода, баррасии номаҳо ва муайян намудани мавқеи онҳо дар миёни таълифоти ин ду суханвар, баҳрабардорӣ ва таъсирпазирии эҷодӣ, мулоҳизаҳо перомуни ақоиди адабиётшиносӣ, биниши эстетикӣ, тарбияи қувваҳои нави адабӣ, мубориза дар боби ҳифзи манфаатҳои миллии халқи тоҷик, собитқадамӣ ва саботкорию талошҳои мустақим баҳри муайян кардани ҳуқуқи тоҷикон ба мероси адабии гузашта, мунозираҳо дар атрофи шоҳкории адабӣ – «Ёддоштҳо», андешаҳо оид ба масъалаҳои омӯзиши таърихи адабиёти гузашта ва осори адибони муосир, равобити адабӣ, вазни шеъри тоҷикӣ ва масъалаҳои шеъри нав, муаррифӣ ва тарғиби чеҳраҳои бузурги адабиёти тоҷик, қимати илмӣ, адабӣ, фарҳангӣ ва таърихии мукотиботи С. Айнӣ ва М. Турсунзода ҳамчун манбаи муътамад барои омӯзиши адабиёти гузашта ва муосири тоҷик, ки ба пешрафти адабиёти нафиса ва рушду инкишофи адабиётшиносии навини тоҷик комилан

мусоидат кардаанд, нигаронида шуда ва натиҷагириву хулосаҳои арзишманди илмию назариявӣ ва амалӣ баён гардидаанд.

Шарифзода Л. А. муҳаққиқи қобилиятнок буда, масъалаву муаммоҳои дар рисола матраҳшавандаро бо таҷдиди назар ва андешаҳои тоза аз назар гузаронида, дар айнишиносӣ, пажуҳиши эҷодиёти Мирзо Турсунзода ва дар маҷмуъ, дар адабиётшиносӣ тадқиқоти аз ҳар ҷиҳат арзишмандро сомон додааст, ки дорои аҳаммияти калони илмию амалӣ мебошад. Аз ин ҷиҳат, рисолаи номзадии Шарифзода Лутфулло Абдулло – «Арзишҳои илмӣ ва адабии номаҳои Садриддин Айнӣ ва Мирзо Турсунзода»-ро дар маҷмуъ, тадқиқоти анҷомёфта меҳисобам ва барои дифоъ тавсия медиҳам.

**Доктори илми филология, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Маҳмадаминов Абдулҳай Саидович.**

**«22» феврали соли 2022**

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Рӯдакӣ, 17.
Тел.: (+992) 918102315.
E-mail: mahmadaminov@gmail.com

**Имзои А. С. Маҳмадаминовро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Тавқиев Э. Ш.**
**«22» феврали соли 2022**

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10.
E-mail: info@tnu.tj